# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА–093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисосҳои 6D020300 – Таърих ва номзади илмҳои таърих ва доктори илмҳои таърих (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295**

**Парвандаи аттестатсионии № ________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 25 сентябри соли 2025, № 20**

Бораи сазовор донистани Мудабирзода Зафарҷон Бадридин дар мавзуи “Таърихнигории таърихи водии Рашт (давраи нав, навтарин ва муосир)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Илмҳои таърих (6D020303–Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ).

Диссертатсияи Мудабирзода Зафарҷон Бадридин дар мавзуи “Таърихнигории таърихи водии Рашт (давраи нав, навтарин ва муосир)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Илмҳои таърих (6D020303 –Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) 15-уми июли соли 2025, протоколи №10-и шурои диссертатсионии 6D.КОА–093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, № 120/шд.) ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Мудабирзода Зафарҷон Бадридин 20 январи соли 1992 дар ноҳияи Рашт таваллуд шудааст. Соли 2014 факултети таърих ва ҳуқуқи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Раштро бо ихтисоси муаллими фанни таърих ва ҳуқуқ, соли 2016 шуъбаи рӯзонаи зинаи магистратураи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоуддинови АМИТ-ро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ва соли 2022 докторантураи фалсафа (PhD) –и Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ-ро хатм намудааст. Аз соли 2022 инҷониб ассистенти кафедраи таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт мебошад.

Диссертатсия дар шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ** – Пирумшоев Ҳайдаршо - доктори илмҳои таърих, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Турсунов Бустон Раҳмонович** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров;

**Мирзоев Мирзо Низомудинович** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. Дар тақризи мусбии муассисаи пешбар, ки аз ҷониби раиси ҷаласа-номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ Суфиев С.Н., ташхисгар – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ Абдуллоев М.Х. (протоколи №1.1., аз 28. 08.2025) имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ номзади илмњои педагогї, дотсент Сафарзода М.В. тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсияи Мудабирзода Зафарҷон Бадридин дар мавзуи "Таърихнигории таърихи водии Рашт (давраи нав, навтарин ва муосир)" дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Илмҳои таърих (6D020303–Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мебошад.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 14 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 5 мақолае, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд, таҷассум ёфтааст. Дар интишороти диссертант нуқтаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсия инъикос шуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Интишороти унвонҷӯ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Мудабиров З.Б., Махсудов А.М. Сатҳи инъикоси таърихи водии Рашт дар асари Эмом Муҳиддинов "Қисмате аз таърихи Рашти куҳан" [Матн] / Мудабиров З.Б., Махсудов А.М. // Гузоришҳои АМИҶТ. 2020. №2 (010). – С 129-133.ISSN 2219-5408.

[2-М]. Мудабиров, З.Б. Таърихнигории таърихи Қаротегин дар тадқиқотҳои олимон ва сайёҳони рус давраи охири асри XIX ва ибтидои асри XX [Матн] / З. Мудабиров // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. 2021. №4 (93). – С. 272-277. ISSN 2219-5408

[3-М]. Мудабиров З.Б. Таърихнигории шӯриши Усмон [Матн] / З.Б. Мудабиров // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. 2021. № 5 (94). – С 267-271. ISSN 2219-5408.

[4-М]. Мудабиров З.Б., Саидов, С.Ҷ. Тавсифи водии Қаротегин дар асари "Таърихи Ҳумоюн"-и Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ [Матн] / З.Б. Мудабиров, С.Ҷ. Саидов. // Муаррих. 2022 №1 (29). – С 98-106. ISSN2709 -7382.

[5-М]. Мудабиров З.Б. Пирумшоев Ҳ., Саидов С.Ҷ. Нақши А.А. Семёнов дар таҳқиқи анъанаҳои мардумии тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз [Матн] / З.Б. Мудабиров., Ҳ. Пирумшоев, С.Ҷ. Саидов, // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. 2022. № 2 (97). – С. 302-306. ISSN 2219-5408.

**Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳо чоп шудаанд:**

[6-М]. Мудабиров З.Б. Истиқлолият ва нигоҳи нав ба таҳқиқи таърихии он [Матн] / З.Б.Мудабиров // "Истиқлолият ганҷи бебаҳост". Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба таҷлили 30-юмин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи "Рушди илмҳои башардусти (гуманитари) дар 30-соли истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Рашт: ДОТ дар ноҳияи Рашт, соли 2021. – С. 34 – 40.

[7-М]. Мудабиров З.Б. Таърихнигории раванди музокироти сулҳи тоҷикон [Матн] / Мудабиров З.Б. // "Истиқлолият ганҷи бебаҳост". Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба таҷлили 30-юмин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи "Рушди илмҳои башардусти(гуманитари) дар 30-соли истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Рашт: ДОТ дар ноҳияи Рашт, соли 2021. – С. 110-125.

[8-М]. Мудабиров, З.Б. Сайвалиев Н.С. Нусратулло Махсум ва ҳалли масоили марзӣ [Матн] / Мудабиров З.Б. Сайвалиев Н.С. // Паёми донишкадаи омӯгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. 2022. №1 (9). – С. 236-240.

[9-М]. Мудабиров, З.Б. Абдураҳмонов З.В. Ҷашни Наврӯз – арзиши фарҳангии тоҷикон [Матн] / Мудабиров З.Б. Абдураҳмонов З.В. // Паёми донишкадаи омӯгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. 2022. №1 (9). – С. 220-222.

[10-М]. Мудабиров, З.Б. Нақши А.А. Семёнов дар таҳқиқи анъанаҳои мардумии тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз [Матн] / Мудабиров З.Б. // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт бахшида ба «25-солагии Ваҳдати миллӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» (18-23 апрели соли 2022-ҳафтаи илм). Рашт: ДОТ дар ноҳияи Рашт, 2022. – С.68-70

[11-М]. Мудабиров З.Б., Наврӯзов Ғ.Л., Саидов С.Ҷ. Ҷуғрофия ва сарватҳои табии водии Рашт [Матн] / Мудабиров З.Б., Наврӯзов Ғ.Л., Саидов С.Ҷ. // "Тағирёбии иқлим ва таъсирои он ба саёраи замин" Бахшида ба ва "Бистсолаи омӯзиш ва ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" маводи конференсияи байналмиллалии илмию амалӣ. Рашт: ДОТ дар ноҳияи Рашт, 2022, – С. 113-119

[12-М]. Мудабиров З.Б. Ҷонмуродов Ш.М. Афкори сиёсии Абубакр Закариёи Риёзӣ ва Абурайҳон Берунӣ оид ба сарварӣ [Матн] / Мудабиров З.Б. Ҷонмуродов Ш.М. // (Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 1050 солагии Абдурайҳони Бурунӣ, Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 20 майи соли 2023), – С. 213-216

[13-М]. Мудабиров З.Б. Тағдиров А.У.Ҷамолова Ш.М. Исмоили Сомонӣ–асосгузори давлати Сомониён [Матн] / Мудабиров З.Б. Тағдиров А.У.Ҷамолова Ш.М. // Паёми донишкадаи омӯгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. 2023. №2 (14). – С. 267-270.

[14-М]. Мудабиров З.Б. Тағдиров А.У. Оли Сомон ва нақши он дар таърих [Матн] / Мудабиров З.Б. Тағдиров А.У. // Паёми донишкадаи омӯгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. 2023. №2 (14). – С. 271-275.

Ба диссертатсия ва автореферат чор тақризи мусбӣ ворид шудааст:

1. **Асоев Сабзаалӣ Убайдович** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва археологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

2. **Артиков Абдурафик Абдурахмонович** - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумию ватании факултети таърих ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

3. **Абдураҳмонов Зеваршо Вафоназарович** - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии тибии Тоҷикистон.

4. **Мирзошарифзода Иброҳим Мирзошариф** - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар маҷмуъ тақризҳо мусбат буда, дар онҳо навгонии натиҷаҳои бадастомада ва аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот зикр шудаанд. Ҳамчунин, дар тақризҳо дар хусуси мувофиқ будани диссертатсия ба талаботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзанда будани муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Илмҳои таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) хулосаҳо вуҷуд доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Илмҳои таърих (6D020303 –Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) ва доир ба масъалаҳои гуногуни таърихнигории таърихи водии Рашт, хусусан оид ба инъикоси масоили таърихӣ дар осори муҳаққиқони маҳаллӣ ва муҳаққиқони рӯси то инқилобӣ, адабиёти илмии замони шуравӣ ва истиқлолият таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант:**

- ***коркард карда* шуд:** масоили марбут ба таърихнигории таърихи водии Рашт дар давраҳои нав, навтарин ва муосир ва инъикоси дурусти воқеаҳои таърихӣ дар осори илмӣ;
- ***пешниҳод шудааст:***, баррасии осори муҳаққиқони руси охири асри XIX ва ибтидои асри XX; таҳлили адабиёти мансуб ба таърихи минтақаи Рашти замони шуравӣ ва истиқлолият, таҳқиқи ҳаракатҳои мардумӣ бар зидди низоми амирӣ ва инъикоси ҳаёти фарҳангии давраи тоинқилобӣ дар адабиёти таърихӣ, баррасии масоили иҷтимоиву

иқтисодӣ ва фарҳангиву мадании водии Рашт дар замони шуравӣ ва давраи истиқлолият.

- ***исбот шудааст:*** инъикоси ҳодисаҳои таърихии водии Рашт дар давраи нав, навтарин ва муосир дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, адабиёти илмӣ, осори ёдоштӣ ва маводи бойгонӣ;

- ***асоснок карда шудааст:*** зарурати муайян кардани дараҷаи омӯзиши таърихи водии Рашт дар адабиёти таърихӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки дар** таҳқиқоти диссертатсионӣ сатҳи зарурии дараҷаи таҳқиқот муайян карда шуда, ҷанбаи илмии он қавитар ба назар мерасад. Сатҳи муқоисавии далелҳои таърихӣ ва баҳогузории мантиқии онҳо ҷиҳати назариявии мавзуъро инъикос мекунад. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссератсияро метавон зимни таълифи асарҳои маҷмуӣ оид ба таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии охири асри XIX ва ибтидои асри XX–и минтақаи Рашт, таълифи монографияҳо, ҳангоми гузаронидани курсҳои лексионӣ ва махсус аз фанни «Таърихи халқи тоҷик» истифода намуд;

- ***усулҳои муосири*** таҳқикро усули таҳлилӣ-муқоисавӣ, хронологӣ-масъалагузорӣ, объективияти илмӣ, таърихияти илмӣ, методҳои таҳқиқӣ-муқоисавӣ, таҳқиқӣ-татбиқӣ, муайянкунии моҳияти ҳодисаҳо, истифодаи тартиби хронологӣ бо риояи принсипи таърихият (историзм), методҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ, мантиқӣ, хулосабарорӣ ва дигар услубҳои таҳқиқот ташкил медиҳад.

- ***баён шудани*** ҳаводиси сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт дар замони тоинқилобӣ, давраи шуравӣ ва истиқлолият.

- ***ошкор карда шудааст,*** ки қувваи минтақаи Рашт дар охири асри XIX –ибтидои асри XX дар тобияти аморати Бухоро қарор дошта, чанд маротиба бар зидди ҳукумати амирӣ шӯриш бардоштааст. Дар давраи шуравӣ ва истиқлолият дар ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, ҷузъи ҷудонопазири он мебошад;

- ***омӯхта шуданд*** ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт дар сарчашмаҳои таърихӣ, адабиёти илмӣ, осори ёдоштӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва ҳуҷҷатҳои бойгонӣ;

-***муайян ва мушаххас шуданд*** таърихи Қаротегин чун ҷузъи муҳимми таърихи халқи тоҷик дар давраи тоинқилобӣ; саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши минтақаи Рашт, нақши муаллифони маҳаллӣ ва хотираҳои иштирокчиёни бевоситаи муборизаҳои сиёсии аввали асри XX дар омӯзиши таърихи водии Рашт; натиҷаи экспедитсияҳои этнографии солҳои 20-50-уми асри XX дар минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон; саҳми муҳаққиқони Шуравӣ дар омӯзиши таърихи

минтақаи Рашт; дараҷаи инъикоси таърихи минтақаи Рашти замони истиқлолият дар таърихнигории замони муосир, масоили фарҳангии минтақаи Рашт дар замони шуравӣ ва истиқлолият.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд:**

***-коркард ва ҷорӣ карда шуд:*** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт бахшида ба таҷлили 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Рушди илмҳои башардустӣ (гуманитарӣ) дар 30-соли истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Рашт: ДОТ дар ноҳияи Рашт, соли 2021), конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуӣ «Тағйирёбии иқлим ва таъсирои он ба саёраи Замин», бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (Рашт: ДОТ дар ноҳияи Рашт, 2022), конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Абурайҳон Берунӣ – алломаи Машриқзамин», бахшида ба 1050-солагии Абдурайҳони Бурунӣ (Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 20 майи соли 2023) ва дигар ҷамъомадҳои илмию оммавӣ дар шакли маъруза баён гардидаанд;

- ***муайян карда шуд,*** ки мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссератсияро метавон зимни таълифи асарҳои маҷмуӣ оид ба таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии охири асри XIX ва ибтидои асри XX–и минтақаи Рашт, таълифи монографияҳо, ҳангоми гузаронидани курсҳои лексионӣ ва махсус аз фанни «Таърихи халқи тоҷик» истифода намудан мумкин аст. Маводи дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии минтақаи Рашт дар охири асри XIX ва ибтидои асри XXI имконият медиҳанд. Натиҷаҳо ва тавсияҳои рисола барои ҳалли баъзе аз масоили таърихии асрҳои мавриди назар муҳим аст;

***-офарида шуд:*** бори нахуст дар доираи як рисолаи илмӣ таърихнигории таърихии водии Рашт дар давраи нав, навтарин ва муосир.

- ***муаррифӣ карда шуд:*** масоили гуногуни таърихнигории таърихи водии Рашт, аз ҷумла Қаротегин дар асарҳои муаррихони тоинқилобии рус, Қаротегин дар асарҳои муаллифони маҳаллӣ, дараҷаи инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Рашт дар асарҳои муаррихон.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- ***назарияи таҳқиқ*** аз дақиқияти маълумот, кофӣ будани маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои илмии диссертатсия, ҳаҷми интишорот оид ба мавзуъ ва гузарондани таҳқиқоти диссертатсионӣ иборат мебошад. Хулоса ва тавсияҳои диссертант дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд;

-***ғояи*** таҳқиқот дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, баромаду суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, адабиёти илмӣ, санадҳои бойгонӣ, ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, ҳуҷҷатгузории соҳаҳаҳои гуногун ва нишондиҳандаҳои марбут ба масоили иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт ***асоснок шудааст;***

-***муайян шудаанд*** дараҷаи таҳқиқи таърихи Қаротегин чун ҷузъи муҳимми таърихи Тоҷикистон дар давраи тоинқилобӣ, дараҷаи арзиши илмии таҳқиқоти мавҷуда дар таърихнигории миллӣ, мақоми осори тадқиқотчиёни рус дар таърихнигории минтақаи Рашт, ахбори осори муаллифони маҳаллӣ ва хотираҳои иштирокчиёни бевоситаи муборизаҳои сиёсии аввали асри XX, саҳми муҳаққиқони Шуравӣ дар омӯзиши таърихи минтақаи Рашт, дараҷаи инъикоси таърихи минтақаи Рашти замони истиқлолияти давлатӣ дар таърихнигории замони муосир, масоили фарҳангии минтақаи Рашт дар замони шуравӣ ва истиқлолият;

- ***истифода шудаанд:*** сарчашмаҳои хаттӣ, осори муҳаққиқони тоинқилобии рус, асару мақолаҳои илмии таърихии замони шуравӣ, баромаду суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи бойгонӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ, маводи мақомоти ҳукуматӣ ва ҳисоботҳои ноҳияҳои минтақаи Рашт;

**Саҳми шахсии довбаталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки ӯ маъхазу асарҳои илмӣ, ки ба таърихи охири асри XIX-аввали асри XXI-и минтақаи Рашт бахшида шудаанд, мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор дода, дар асоси он хулосаҳои илмӣ доир ба мавзуъ пешниҳод намудааст. Давраҳои омӯзиши таърихи минтақаи Рашт дар рисола тақсимбандии илмӣ ёфта, саҳми олимон ба омӯзиши фарҳанги водии Рашт иртибот дошта, мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор гирифта, дар ин замина арзиши илмии таълифоти онҳо муайян карда шуд.

Дар маҷлиси 25 сентябри соли 2025 шурои диссертатсионии 6D.КОА-93 (аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар ҳузур доштанд) қарор қабул намуд, ки ба диссертант Мудабирзода Зафарҷон Бадридин дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020300 –

Илмҳои таърих (6D020303 –Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси 6D020303 –Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.

Овоз доданд: тарафдор 14, муқобил -нест, бюллетенҳои беэътибор – нест

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих Бобоев Х.Ю.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, доктори фалсафа (PhD)
аз рӯйи ихтисоси таърих Мирзоев Ш.Ҷ.

25 сентябри соли 2025